



Сохаи тандурустӣ яке аз сохахои мухим ба хисоб рафта, солимии ахли чомеа махз аз фаъолияти самараноки кормандони тиб ва шароити хуби хизматрасонии тиббӣ вобастагии калон дорад.

Асосгузори сулху Вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар Паёми худ тандурустиро сохаи калидии рушди чомеа номида, таъкид намуданд, ки «Миллати солим тахкурсии чомеаи солим мебошад».

Бояд кайд намуд, ки имрӯзхо дар саросари кишвар тибки дастуру супоришхои Пешвои муаззами миллат ба сохтмону азнавсозии муассисахои сохаи тандурустӣ таваччухи хоса зохир гардида, дар гушаю канори мамлакат беморхонахо, марказхои саломатию бунгоххои тиббӣ сохтмон ва азнавсозӣ гардида истодаанд.

Дар нохия низ тибки дастуру супоришхои Пешвои муаззами миллат ва дар доираи 1300 рӯзи мехнати зарбдор бахшида ба 30-солагии Истиклолияти давлатии Чумхурии

Точикистон корхои ободонию созандагӣ дар сохахои гуногуни хочагии халки нохия аз чумла дар сохаи тандурустӣ бо маром идома дошта, дар ин давра бо ташаббуси макомоти ичроияи хокимияти давлатӣ ва дастгирихои пайвастаи сохибкорону шахсони саховатпеша якзумра шуъбахои беморхонаи марказӣ аз кабили шуъбаи беморихои бачагона, шуъбаи беморихои сироятӣ, шуъбаи касалихои дил ва дилшиносӣ, шуъбаи чаррохӣ, шуъбаи касалихои гушу бинӣ, шуъбаи шикасту банд ва шуъбаи осебшиносӣ ба маблаги зиёда аз 890 хазор сомонӣ аз таъмири кулл бароварда шуданд.

Хамзамон чунин корхои созандагӣ дар чамоатхои шахраку дехоти нохия низ идома дошта, хамаи марказхои саломатии дехот ва бунгоххи тиббӣ азнавсозӣ гардиданд.

Бо иштироки Раиси нохияи Зафаробод Ашурзода Рачаб Рӯзӣ ва намояндаи Раёсати тандурустии вилояти Сугд Акмалхучаева Индира Исмоиловна Беморхонаи шахраки Мехнатобод яке аз муассисахои калидии сохаи тандурустии нохия ба хисоб рафта, ба таъмири кулли ниёз дошт ва имрӯз бо дастгирии сохибкорон, шахсони саховатпеша ва мардуми сарбаланди Чамоати шахраки Мехнатобод ба маблаги зиёда аз 100 хазор сомонӣ азнавсозӣ карда шуд, ки дар натича сатху сифати хизматрасонии тиббӣ хело бехтар гардид.

Инчунин ба шахсони саховатпеша ва сохибкороне, ки дар ободонии беморхонаи мазкур сахми арзандаи худро гузоштанд Сипоснома ва тухфахои макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохия ва Кумитаи ичроияи Хизби халки демократии Точикистон дар нохия тақдим карда шуданд.